**Бозор Собир**

# Хӯша-хӯша аз ҳар гӯша барои Анӯша

**ББК 84 тоҷик 7-5**
**С-67**

**Таҳияи Низом Қосим**

**Рассом**

**Бозор Собир. Хӯша-хӯша аз ҳар гӯша барои Анӯша**. **Душанбе, «Маориф ва фарҳанг», 2013. 20 саҳ.**

Ин маҷмӯа шеърҳои тозаи барои кӯдакон офаридаи шоири машҳури тоҷик, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ устод Бозор Собирро дар бар мегирад. Тавассути он шумо, бачаҳои азиз, бо набераҳои ширинаку донояки ӯ ошно шуда, ҳамроҳашон чун бодбаракҳо ба ҳаво парвоз хоҳед кард.

**ISBN 978-99947-69-44-5** **Бозор Собир, 2013**

## Аквариум

Дар шишаи об
Моҳичаи зард,
Моҳичаи сурх,
Сафеду сиёҳ –
Гулҳои дарё,
Гулдастаи мо.

## Фабрикаи абр

Фаввора мезад
Аз як иморат
Ғаппа-ғаппа бӯғ.
- Он ҷо чи бошад? –
Пурсидам дурӯғ.

- Фабрикаи абр
Барои борон, -
Гуфт Ардашерак,
Бачаи зирак.

### Аэропорт

Аэропорти кайҳон
Оянда сатҳи Моҳ аст,
То Мирриху Муштарӣ
Аз он ҷо нимароҳ аст.

### Ҷорӯби оҳанрабо

Худам кардам ихтиро
Ҷорӯби оҳанрабо,
Ҳавлиро тоза кардам,
Чидам, покиза кардам
Аз оҳани нодаркор,
Аз резаи оҳанбор.

### Уқёнуси Ором

Калонтарин уқёнус
Дар кӯраи замин аст,
Аммо ҳамеша ором,
Номаш ҳам аз ҳамин аст.

Боде намевазонад,
Ки тӯфон бархезонад.
Азбаски обаш сард аст,
Ҳамчун каси хунсард аст,
Оби сард уқёнусро
Нооором намекардаст.

### Миррих

Аз Замин то ба Миррих
Мепарӣ ту дар шаш моҳ,
300 миллион мил аст
То ӯ масофаи роҳ.

Миррих замини сурх аст,
Регистони пур аз чанг,
Бинобар ин, мегуфтанд
Ӯро ситораи ҷанг.

Бе телескоп ҳам маълум
Ранги сурхаш аз кайҳо,
Хун тасаввур мекарданд
Одамон сурхиашро…

Аммо абру бодаш ҳаст,
Обаш ҳам, лекин, ҳайҳот,
Дар он наменамояд
Нишонае аз ҳаёт.

## Набераам Анӯша

Набераам Анӯша,
Абрӯякаш дуқӯша,
Айни ду гандумхӯша,
Вақте ки сар мекаша.

Чун асали моҳи май
Бӯи сад гул дорад вай,
Мелесамаш шабу рӯз,
Шириниаш гулӯсӯз.

## Рассом

Агар барои коғаз
Дарахтонро буриданд,
Аз қалами сабзи ман
Дар коғазе рӯиданд.

Кочу санавбар рӯид,
Сӯзанбаргу коғазбед.
Аз қалами кабудам
Равон шуд оби рӯд ҳам.

Бо қалами сиёҳ низ
Ман мекашам ҳар доим,
Чун сояи дарахтон
Ранги сиёҳ ҳам лозим.

## Асо ва айнак

Асо, ки чӯбдаст аст,
На аз барои даст аст.
Асо мадори зонӯ,
Як пои дигари ту.

Айнак барои биниш,
На аз барои бинӣ.
Агар ту мӯсафедӣ,
Бе айнак намебинӣ.

Айнак асои чашм аст,
Нури расои чашм аст,
Ду чашми дигар аст ӯ.

### Соя

Соя рӯзи тобистон –
Курпачаи дарахтон,
Марҳамат, рахти тахте
Дар зери ҳар дарахте.

Бисёрӣ ҳам, ки бошед,
Ташвиш аз ин набошед,
Соя, ки боз мешавад,
Ҷамъу дароз мешавад.

### Гардани бод мехорид

Гардани бод мехорид,
Хориданаш мефорид,
Бар дарахтон, ки молид,
Дарахтонро ҷунбонид.

### Чистони шамол

Ҷунбад агар, ҳаст,
Истад агар, нест,
Буду набудаш
Ҷунбидану ист,
Чист?

### Дарахти печак

Дарахти печак
Сабз аст ҳамеша,
Аз сабзии ӯ
Сабз аст беша.

Аз ӯ пур аз барг
Дарахти бебарг,

Дарахти хушке
Аз буну реша,
Маълум намеша.

## Кашелёк*

Қурбоқа дар табиат
Ҷондори бемонанд аст,
Диққат агар намоед,
Ба кашелёк монанд аст.

---
** Ҳамёнчаи пул.*

## Гардани зарофа

Гардандароз зарофа
Гарданаш - зинапоя,
То нӯгчаи дарахтон
Бо гардан мебароя.

## Фаввора

Маҷнунбеди лаби ҷӯ
Фаввора менамояд,
Шоху баргаш то зону,
Бепоя менамояд.

## Релефи қишлоқи ман

Кӯталҳои нафасгир,
Нишеби зонушикан,
Печу хаму ҷару ғор,
Даразору даразор –
Релефи қишлоқи ман.

## Турна

Бо нӯли чӯбчавораш
Мерабояд моҳича,
Монанди як хитойӣ
Макаронро бо чӯбча.

## Гови ҳазорпистон

Сартокии ҳусайнӣ –
Гови ҳазорпистон,

Хӯшаҳои пистонаш
Аз шохаҳо овезон.

## Забони ҷонварон

Ҳар ҷонваре дар дунё
Гуфтугӯ метавонад,
Гуфтугӯ менамояд,
Гуфтугӯяш бо садо.

Қурбоқа қур-қур кунад,
Гунҷишкак чирик-чирик,
Овози қурбоқа ғафс,
Овози гунҷишк борик.

Мурғи парпо бе қут-қут
Пору намекунад тит.
Булбул ҳуштак мекашад,
Найи лабак мекашад.

## Зеби фасли тирамоҳ

Зеби фасли тирамоҳ
На себи тирамоҳӣ,
На анори хандонак,
Дандонҳояш тиллоӣ;

На карами печ дар печ
Чун саллаи мӯсафед,
На сӯтаи ҷуворӣ,
Дандонҳояш сап-сафед;

Зеби фасли тирамоҳ,
Монанди хирмани моҳ –
Кадуи лангардароз,
Дӯлонаи сари роҳ.

## Мундариҷа

Аквариум
Фабрикаи абр
Аэропорт
Ҷорӯби оҳанрабо
Уқёнуси Ором
Миррих
Набераам Анӯша

Рассом
Асо ва айнак
Соя
Гардани бод мехорид
Чистони шамол
Дарахти печак
Кашелёк
Гардани зарофа
Фаввора
Релефи қишлоқи ман
Турна
Гови ҳазорпистон
Забони ҷонварон
Зеби фасли тирамоҳ

**Бозор Собир**

**Хӯша-хӯша**
**аз ҳар гӯша**
**барои Анӯша**
(маҷмӯаи шеърҳо барои кӯдакон)

**Ҳуруфчинии Рухсора Низомӣ**
**Саҳифабандии**

**Ба матбаа 01.08.2013 супурда шуд. Барои чоп 20.09.2013 имзо шуд.**
**Андозаи . Ҷузъи чопӣ . Адади нашр 5000. Супориши № .**